**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Акризоев Мақсуд Махрамбекович «Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020303 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2022.**

Диссертатсияи мазкур ба фаъолияти илмии яке аз муҳаққиқони намоёни рус, граф Алексей Алексеевич Бобринской, бахшида шудааст, ки дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии тоҷик накши боризе гузоштааст,

Мақсади таҳқиқот аз таҳқиқи фаъолияти илмии А.А. Бобринской дар Кӯҳистони Бадахшон ва муайян намудани аҳамияти илмии осори аъзои экспедитсия барои илми таърих ва этнографияи тоҷик иборат мебошад.

Объекти таҳқиқот ҳаёт ва фаъолияти илмии Алексей Алексеевич Бобринской буда, нақши ӯ дар омӯзиши таърих ва этнографияи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ҳамчун нуктаи асосӣ дар мавзӯи рисола ҷой мегирад.

Дар рафти навиштани рисола сарчашмаҳои зиёд истифода гардида, байни онҳо асарҳои А.А. Бобринской, асарҳои муҳақиқони тоинқилобии русу англис, маводи матбуоти даврии империяи Россия, асарҳои таърихии муаллифони маҳалии охири асри XIX ва ибтидои асри XX мақоми асосиро ишғол менамоянд.

Навоварии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ба таври мукаммал тамоми самтҳои фаъолияти илмии А.А. Бобринской ва ҳадафи таҳқиқотҳои олим дар минтақаҳои тоҷикони кӯҳистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, асосҳои методологии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиби ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия “Шарҳи ҳол ва мероси илмии А. А. Бобринской” ҳаёт ва фаъолияти А. А. Бобринской инъикос ва таҳлили осори илмии ӯ анҷом дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Инъикоси таърихи Помир дар асарҳои А. А. Бобринской» таърихи сиёсии Помир дар охири асри XIX , саҳми А. А. Бобринской дар омӯзиши мазҳаби исмоилия, масъалаҳои иқтисодӣ ва

заминдории сокинони Бадахшон дар асоси маълумоти А. А. Бобринской, шуғли анъанавӣ, ҳунармандӣ ва сатҳи муносиботи тиҷорати дар Кӯҳистони Бадахшон тибқи асарҳои А. А. Бобринской таҳлил гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Нақши А. А. Бобринской дар омӯзиши этнографияи Помир» ном дошта, дар он хусусиятҳои симошиносӣ ва этникии мардуми Бадахшон, сатҳи инъикоси масъалаҳои оиладорӣ ва никоҳи кӯҳистониён дар асарҳои А. А. Бобринской, расму русум ва этиқоду бовариҳои мардуми Помир аз рӯи маълумоти А. А. Бобринской, саҳми А. А. Бобринской дар таҳқиқи тақвимҳо ва идҳои анъанавии мардуми Помир, саҳми А. А. Бобринской дар таҳқиқи фарҳанги моддӣ ва қалъаҳои минтақа нишон дода шудааст.

Дар хулоса фикри ҷамъбастии муаллиф ва пешниҳодот бахри дар оянда тахқиқ намудани мавзӯи мазкур оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, рисолаи мазкур мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ақризоев Мақсуд Махрамбекович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020303 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва бостоншиносии**
**Донишгоҳи милли Тоҷикистон**
**н.и.т., дотсент,** **Асоев С.У.**

**Имзои н.и.т. С.У. Асоевро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи милии Тоҷикистон** **Э.Тавқиев**

02.12.22